Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ. – Душанбе, 2025.**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ А.Н. Раҷабзода ба яке аз мавзуъҳои мубрам – «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст ва аз нигоҳи илмию амалӣ бисёр арзишманд арзёбӣ мегардад. Бешубҳа, саҳми ходими барҷастаи давлатӣ, нухбаи сиёсӣ, академик Талбак Назаров дар ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва эҷоди мактаби муосири дипломатияи тоҷик бузург мебошад. Аз ин рӯ, ба таҳқиқи илмӣ кашидани мавзуи мазкур бисёр саривақтӣ буда, он дар таҳқиқ ва омӯзиши як давраи муайяни таърихи навтарини дипломатияи тоҷик хеле муҳим мебошад.

Бояд инро ҳам қайд кард, ки мазмун ва муҳтавои мавзуи мазкур бо шиносномаи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Омӯзиши фаъолияти дипломатии академик Талбак Назаров арзиши сиёсию таърихӣ дорад. Саҳми назарраси ӯро дар рушди фаъолияти илмию сиёсӣ ва дипломатӣ нодида гирифтан мумкин нест. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва авруосиёӣ чунин таҳқиқот имкон медиҳад, ки заминаҳо, марҳалаҳои рушд, шаклгирӣ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишварро амиқтару пурратар дарк кунем.

Метавон гуфт, ки академик Талбак Назаров яке аз чеҳраҳои калидие мебошад, ки таҳти роҳбарии Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон барои бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи байналмилалӣ хизмати шоён

кардааст. Дар шароите, ки бисёр давлатҳои нави соҳибистиқлоли ҷаҳон дар муайян кардани самтҳои сиёсати хориҷии худ ба душвориҳо муҷовеҳ буданд, роҳбарияти сиёсати хориҷии давлати мо роҳҳои пешбурд ва кушодани гиреҳҳои сарбастатаринро дар ин самт ба воситаи усулҳои илмӣ дарёфт мекарданд.

Фаъолияти сиёсию дипломатии академик Талбак Назаров бо вокунишҳои одӣ ба рӯйдодҳои мухталифи байналмилалӣ маҳдуд нашуда, ӯ аввал бо супоришу ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои дипломатиро бо кишварҳои дуру наздик роҳандозӣ намуда, тавассути ҳамкории фаъол бо субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб карда, барои ҳамкории босамари минбаъда роҳҳоро боз намуд. Равишу шеваи илмии ӯ дар фаъолияташ дар маснади вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994-2006) ба дипломатияи кишвар имкон дод, ки барои ширкат кардани давлатамон дар саҳнаи зиндагии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷаҳон бомуваффақият талош биварзад.

Бояд қайд кард, ки мероси илмӣ ва фаъолияти сиёсию дипломатии Талбак Назаров барои наслҳои ҷавони муҳаққиқони сиёсати хориҷии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва дипломатҳо намунаи олии ибрат мебошад. Ӯ дар мисоли хеш нишон дод, ки чӣ гуна дониши жарфу фарохи илмӣ, ки бо таҷрибаи ғании амалӣ омехта шудааст, метавонад ба рушду пешрафти дипломатияи миллӣ фоидаи бебаҳо расонад.

Дар ҷаҳони муосир, вақте ки муносибатҳои байналмилалӣ торафт печидатар ва гуногунҷабҳа мешаванд, омӯзиши таҷрибаи ходимони давлатӣ чун академик Талбак Назаров бисёр судовар аст. Ин таҷрибаҳои муфид метавонанд ба дипломатҳо ва сиёсатмадорони муосир чун роҳнамо кумак расонанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мешавад. Ин аввалин таҳқиқоти маҷмуии илмӣ оид ба саҳми ходими намоёни давлатӣ, академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклу сатҳи

диссертатсия мебошад. Навгонии дигари илмӣ дар он зоҳир шудааст, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот теъдоди зиёди сарчашмаҳои аслии камомӯхташуда ва нодирро дар раванди таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст ва онҳоро ба гардиши илмӣ шомил кардааст.

**Нуктаҳои асосии илмие**, ки аз ҷониби диссертант барои дифоъ ироа шудаанд, дар раванди таҳқиқот ҳамаҷониба санҷидаю омӯхта шудаанд. Ин нуктаҳо натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи ҳар як ҷузъи диссертатсия мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи маълумоти дақиқ ва сарчашмаҳои воқеӣ, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ ва таълифоти худии муаллиф асоснок мегардад. Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили илмӣ хулосаву тавсияҳои зарурӣ роҷеъ ба раванди ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми академик Талбак Назаров дар он пешниҳод гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, дорои 180 саҳифа аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян карда шудаанд.

Боби якуми таҳқиқот - «Марҳилаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти академик Талбак Назаров», боби дуюм – «Талбак Назаров – дипломат ва ходими давлатӣ» ва боби сеюм – «Нуфуз ва эътибори байналмилалии академик Талбак Назаров» ном гирифтаанд.

Дар миёни бобҳои диссертатсия боби дуввум, ба назари мо, хеле ҷолиб ва ҳам калидӣ мебошад. Зеро, дар он нақши Талбак Назаров дар рушду такомули фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаклгирии хизмати дипломатии кишвар, саҳми академик ва роҳбари идораи сиёсати хориҷии давлат дар муваффақияти музокироти сулҳи тоҷикон ва андешаҳои он кас роҷеъ ба рушди дипломатияи тоҷик дар шаклҳои мухталиф хеле хубу дақиқ тавсифу арзёбӣ шудаанд.

Хулосаи диссертатсия аз 7 банд иборат буда, аз ҷониби муаллиф 6 тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро барои мутахассисону коршиносони соҳаи дипломатия, таърихнигорон, ҷомеашиносон, иқтисоддонҳо ва онҳое, ки машғули омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошанд, метавон тавсия дод.

Хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур бароварда шудаанд, ҳангоми таҳияи рисолаҳо оид ба таърихи муосири сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи навтарини дипломатияи тоҷик ва перомуни ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд. Онҳо, инчунин, метавонанд аз нигоҳи истифода ҷиҳати таҳияи маводи таълимӣ, методӣ, лексияву мақолаҳо оид ба таърихи навтарини ватанӣ ва муносибатҳои муосири байналмилалӣ муфид бошанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки хулосаву тавсияҳои муаллиф шоистаи онанд, ки дар фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохторҳои дахлдор, инчунин, дар фаъолияти кории ҳаррӯзаи ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ истифода гарданд. Инчунин, таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои он метавонанд дар раванди омода намудани кадрҳои ҷавон дар арсаи хизмати давлатӣ ва дипломатӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 7 мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд ва дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ интишор гардидаанд, дарҷ шудаанд.

Дар баробари ин, ҳамчун муқаррizи расмӣ, мехоҳам баъзе камбудиҳои ҷузъиеро, ки дар диссертатсия дида мешаванд, барои беҳтар шудани кор пешниҳод намоям. Аз ҷумла:

1. Омӯзиши дақиқу таҳлили амиқи баъзе ҷанбаҳои кор дар баъзе ҳолатҳо зарурати баррасии муфассалтарро мехоҳад. Гарчанде ки дар маҷмуъ, диссертатсия мисоли омӯзиши амиқи мавзуъ мебошад, баъзе нуктаҳои фаъолияти гуногунҷанбаи академик Талбак Назаров бояд васеътару жарфтар таҳқиқ карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки аҳамияти он барои пешрафти дипломатияи муосири тоҷик афзунтар гардад;

2. Ҳангоми таҳлили мавзуи таҳқиқот масъалаи истифодаи васеътари сарчашмаҳои аслӣ ба миён меояд. Агар шумораи бештари ҳуҷҷатҳову мактубҳои расмӣ ва дигар маводи дахлдори мустақиман ба фаъолияти Талбак Назаров марбут дар диссертатсия истифода мешуд, ин иқдом ба таҳқиқ мақом ва сатҳи болотар метавонист бахшад;

3. Ҳамчунин, дар диссертатсия зарурати таҳлили муқоисавӣ низ ба назар мерасад. Шояд ба мақсад мувофиқ аст, то ки фаъолияти Талбак Назаров бо фаъолияти дигар шахсиятҳои намоёни дипломатии он замон муқоиса гардад, зеро ин шеваи омӯзиш ба дарку фаҳмиши равшантари усулҳои нодири фаъолияти дипломатии ӯ мусоидат хоҳад кард;

4. Ниҳоят, сарфи назар аз таҳлили фароху васеъ, ки дар таҳқиқот омадааст, равиши методологиро метавон густурдатар тавсиф кард. Ин имкон медод, ки беҳтар фаҳмем, ки чаро муаллиф маҳз чунин усулҳои мушаххаси таҳқиқотиро ба кор гирифтааст.

Албатта, камбудиву нуқсонҳои болозикр хислати ҷузъию тавсиявӣ дошта, сатҳ ва мазмуну муҳтавои илмии рисоларо ҳаргиз коста намегардонанд. Ислоҳи камбудиҳои мазкурро метавон дар оянда дар аснои интишор намудани асари монографӣ ба инобат гирифт.

Диссертатсияи омодакардаи Аъзамҷон Нурали Раҷабзода, новобаста аз камбудиҳои ошкоркарда, таҳқиқоти ҳамаҷониба ва амиқ буда, на танҳо саҳми академик Талбак Назаровро дар рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшану возеҳ месозад, балки таҷрибаи бузургу беназири ӯро дар арсаи мазкур барои ибрату омӯзиш дастрас месозад. Автореферати он низ дар доираи талаботи муқарраргардида омода шудааст.

Ҳамин тариқ, ин диссертатсия ҳамчун як таҳқиқоти муҳим дар илми таърихшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад ва аз нигоҳи илмию амалӣ сазовори баҳои мусбат мебошад. Бо назардошти ҳамин вижагиҳо, диссертатсияи омодашударо кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд изҳор дошт, ки диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нуралӣ дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мутобиқат мекунад.

Аз ин рӯ диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ,**
доктори илмҳои таърих,
сарходими илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Сайидзода Зафар Шералӣ

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33;
Тел.: (+992) 902-88-88-16;
E-mail: zafarsaidov61@gmail.com

Имзои Сайидзода З.Ш.-ро тасдиқ мекунам: Нозири калони кадр Зуҳуров Абдухолиқ Ятимович

ШУЪБАИ КАДРҲО

18.04.2025.